606/4.2.1-д аз 14.01.2025

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

Оид ба тартиби андозбандии
лотореяҳои электронӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дуруст ба андозбандӣ ҷалб намудани даромадҳои субъектҳои хоҷагидории тавассути сомонаҳо ва (ё) шабакаҳои иҷтимоӣ ба ташкил ва гузаронидани лотореяҳои электронӣ машғулбуда, мактуби дастурии мазкурро барои маълумот ва таъмини иҷро ирсол менамояд.

Мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 389 Кодекси андоз низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ ( минбаъд- андоз аз бизнеси бозӣ, ба истиснои даромадҳо аз бизнеси бозии дар манбаи пардохт андозбандишаванда, андозбандӣ карда мешавад.

Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 391 Кодекси андоз ташкил ва гузаронидани лотореяҳои электронӣ ба объектҳои дигари бизнеси бозӣ, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд, дохил мешавад.

Инчунин, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2002, №274 тартиби гузаронидани лотореяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо фармоиши Вазорати молия аз 05.03.2021, №48 Қоидаҳои гузаронидани лотореяҳои электронӣ тасдиқ шуда, дигар объектҳои бизнеси бозӣ – бозии лотореяҳои электронӣ, ки аз ҷониби шахсони алоҳида тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бозиҳои бурдноки интерактевиро ташкил ва баргузор менамоянд, ба ҳисоб мераванд.

Гузаронидани лотореяҳои электронии интерактиви бурднок, ки дар он ҷоизаҳои пулию молӣ гузошта шуда, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ (Youtube, Facebook, Instagram, Telegram ва ба инҳо монанд) гузаронида мешаванд, объекти андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ ба ҳисоб рафта, ҳисоб ва пардохоти андоз аз чунин даромад тибқи муқаррароти қарори Маҷлиси вакилони халқии шаҳру ноҳияҳо, ки дар онҳо меъёри дигар объектҳои андоз аз бизнеси бозӣ барои ҳар як бозӣ ба андозаи 3 фоиз аз

даромади умумӣ, вале на кам аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (НБҲ) муайян гардидааст, анҷом дода мешавад.

Маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз новобаста ба андозаи даромад дар ҳаҷми устувор барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар барориши лоторея ба фурӯш) бо қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) муқаррар карда мешавад.

Ёдовар мешавем, ки тибқи муқаррароти моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025" аз 1 январи соли 2025, 1 (як) НБҲ ба маблағи 75,0 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

**Мисол:** *ҶДММ "А" (минбаъд - Шахс) дар шабакаи иҷтимоии "Youtube" каналеро бо номи "Бозӣ" ташкил намуда, дар он 1 адад воситаи нақлиёт ба маблағи умумии 120,0 ҳазор сомонӣ, 10 адад телефонҳои мобилӣ бо арзиши умумии 150,0 ҳазор сомонӣ ва 10 адад конвертҳои пулӣ ба маблағи умумии 30,0 ҳазор сомонӣ гузошта, шумораи чиптаҳои ба бозӣ гузошташудаи Шахс 2000 адад ва арзиши ҳар як чипта 150,0 сомониро ташкил медиҳад.*

*Тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи дар ноҳия барои соли 2025 меъёри андоз аз бизнеси бозӣ барои ҳар як бозӣ барои дигар объектҳои андоз аз бизнеси бозӣ – 3 фоиз аз даромади умумӣ, вале на кам аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст. Яъне, дар ҳар сурат пардохти андоз аз бизнеси бозӣ аз 11250 сомонӣ (150*75) кам шуда наметавонад.*

*Аз рӯи арзиши чиптаҳои ба фурӯш гузошташуда даромади Шахс (бо назардошти маблағи конвертҳои пулӣ) 300,0 ҳазор сомониро ташкил дода, ҳангоми бо меъёри 3 фоиз аз даромади умумӣ ҳисоб намудан, андоз аз бизнеси бозӣ 9000 сомониро ташкил медиҳад. Бинобар сабаби он, ки маблағи андоз аз бизнеси бозӣ бо меъёри 3 фоиз аз даромад ҳисоб шуда аз 11250 сомонии муқарраргардида кам мебошад, ҶДММ "А" уҳдадор аст, на дертар аз санаи 5-уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, маблағи андоз аз бизнеси бозириро ба маблағи 11250 сомонӣ ба буҷет пардохт намояд.*

*Дар мавриди даромади Шахс аз фаъолияти бозии зикргардида 500,0 ҳазор сомонӣ гардидан, Шахс уҳдадор аст, ки аз чунин даромади ба дастомада бо меъёри 3 фоиз андоз аз бизнеси бозиро (яъне 15000 сомонӣ), ки аз 11250 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.*

Тибқи талаботи моддаҳои 183,189 ва 236 Кодекси андоз арзиши молу мулки дар шаклҳои аслӣ (ғайримоддӣ) ва (ё) пулии аз шахсони воқеӣ мерос ё туҳфа гирифташуда, инчунин арзиши туҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, инчунин, ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳо гирифташуда, ҳангоми дар як сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд гардидан бо андоз аз даромад бо меъёри 15 фоиз дар манбаи пардохт андозбандӣ карда мешавад.

Ба инобат гирифта шавад, ки шахсоне, ки чунин бозиҳоро берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ташкил ва баргузор менамоянд, ҳангоми ҳисоби андоз аз бизнеси бозӣ муқаррароти боби 3 Кодекси андоз ҳамчун субъектҳое, ки ба таври мустақим ва

ё ғайримустақим дар муносибатҳои андозӣ иштирок менамоянд, дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд ва ё бо амал ё беамалии худ уҳдадориҳои андозиро ба вуҷуд меоваранд, баррасӣ карда мешавад.

Бо назардошти муқаррароти болозикр, сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда мешаванд, ки кормандони гуруҳҳои ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади минбаъд дуруст татбиқ намудани муқаррароти қонунгузорӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ фаъолияткунанда чораҷӯӣ намояд.

Инчунин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҳангоми аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор риоя нагардидани муқаррароти болозикр, ҷиҳати ҳисоб ва пардохти сари вақтии маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои ҳар як давраи андоз ҷораҷӯӣ намоянд.

Раис　　　　　　　　　　　　　　　　　　　　Н. Давлатзода